МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел.: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№03-11/1153
аз 24 09 соли 2026

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи Дастурамали №234 «Дар бораи тартиби ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани сарватҳои асъорӣ» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ лоиҳаи болозикр ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ гардидааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, хулосаи зерин манзур карда мешавад:

1) тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда – Бонки миллии Тоҷикистон риоя гардидааст;

2) дар банди 4 лоиҳаи болозикр ба зиммаи шахсони воқеӣ уҳдадории вобаста ба ворид намудани асъори нақд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи ҳамарзиш ва зиёда аз 10’000 (даҳ ҳазор) доллари ИМА – бо шарти декларатсиякунонии хаттии ҳатмӣ пешбини шудааст;

3) дар лоиҳа масрафҳои беасос аз низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пешбинӣ нагардидааст;

4) лоиҳа барои ҳалли мушкилоти мавҷуда асоснок буда, ба такмили назорати асъорӣ ва назорати ҳаракати сарватҳои асъории нақд тавассути сарҳад мусоидат менамояд.

Муовини директор Абдуллозода П.С.

Бо имзои электронии рақамии низом тасдиқ шудааст. Рамзи Ҳуҷҷат: FT52198049